Ман калимаеро медонам, ки агар онро бигӯяд хашму ғазабаш фурӯ менишинад. Агар бигӯяд: Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим, хашмаш бартараф мешавад

Аз Сулаймон ибни Сурад (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Ман бо Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) нишаста будам, ду мард ба якдигар дашном медоданд. Чеҳраи яке аз онҳо сурх ва рагҳои гарданаш аз шиддати ғазаб баромада буданд. Паёмбар гуфт:" Ман калимаеро медонам, ки агар онро бигӯяд хашму ғазабаш фурӯ менишинад. Агар бигӯяд: Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим, хашмаш бартараф мешавад". Ба он мард гуфтанд: Паёмбар гуфт, ки “Аз шарри шайтони рондашуда ба Аллоҳ паноҳ бибар". Он мард гуфт: Оё ман девонаам?

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Ду мард дар назди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) якдигарро дашном доданд, яке аз онҳо аз шиддати ғазаб рӯяш сурх ва рагҳои гарданаш баромада буд. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: Ман сухане медонам, ки агар ин марди хашмгин бигӯяд, ғазабаш бартараф мешавад. Гуфт: Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим. Ба он мард гуфтанд: Паёмбар гуфт, ки “Аз шарри шайтони рондашуда ба Аллоҳ паноҳ бибар." Он мард гуфт: Оё ман девонаам? Ӯ гумон кард, ки танҳо касе, ки девона бошад, аз шайтон паноҳ мебарад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/3578